ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

Парвандаи аттестатсионии №_____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 19.10.2026, №94

Барои сазовор донистани Исоев Аслиддин Шамсудинович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Исоев Аслиддин Шамсудинович дар мавзуи «Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, санаи 13-уми августи соли 2026, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №118 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Исоев Аслиддин Шамсудинович, 16-уми марти соли 1992 таваллуд шудааст.

Исоев Аслиддин Шамсудинович соли 2010 ба Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба ихтисоси менеҷмент дар соҳаи иҷтимоӣ дохил шуда, соли 2014 донишгоҳи номбурдаро хатм намуд. Исоев Аслиддин Шамсудинович соли 2014 ба зинаи магистратураи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз рӯйи ихтисоси менеҷмент дар соҳаи иҷтимоӣ дохил шуда, онро соли 2016 хатм намудааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Исоев Аслиддин Шамсудинович унвонҷӯйи кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба шумор мерафт.

Мавзуи таҳқиқотии диссертатсионии Исоев Аслиддин Шамсудинович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, аз 30-юми октябри соли 2020, №418-фа тасдиқ гардидааст. Инчунин, бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 30.01.2024 сю, №6 мавзуъ ва роҳбари илмии Исоев Аслиддин Шамсудинович, бинобар пеш омадани зарурати истеҳсолӣ, иваз шудааст. Роҳбари илмии унвонҷӯ, Убайдуллоев Ф.К.- номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таъин шудааст.

Муқарризони расмӣ:

- Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Scanned with CamScanner

- Оев Анис Давлатович - номзади илмҳои иқтисодӣ, котиби корпоративии ҶДММ ТАҚХ «ЛОЛС Молия», ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ - дар тақризи худ, ки дар ҷаласаи кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокима шудааст (суратҷаласаи №2, аз 18.09.2026) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои педагогӣ профессор, Сафарзода М.В., санаи 19.09.2026 сол тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар хулосаи мусбат додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз - номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ - Вазирзода Дилором Раҷамат имзо шудааст, чунин хулоса бароварда шудааст, ки дар маҷмуъ, таҳқиқи диссертатсионии Исоев Аслиддин Шамсудинович дар мавзуи «Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд» пажуҳиши нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан кам таҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи диссертатсияҳои дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Исоев Аслиддин Шамсудинович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, мебошад.

Автореферат бо мазмуни диссертатсия мувофиқат мекунад. Он дар шакли фишурда мундариҷаи асосӣ ва сохтори диссертатсияро инъикос намуда, асосноки, муҳим будан, навгонии таҳқиқ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва хулосаҳои асосии таҳқиқро пурра тавсиф менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 12 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад.

РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М] Исоев А.Ш. Такмили фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.Ш. Исоев, Б.Б Имомализода, Ш.М. Баротзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ- 2022. – №1/ 4 (104). С. 182-189. ISSN 2663-5534.

[2-М] Исоев А.Ш. Таснифи методҳои таҳлил ва арзёбии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд. / А.Ш. Исоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ- 2023. – №1/ 3 (113). С. 365-369. ISSN 2663-5534

[3-М] Исоев А.Ш. Асосҳои назариявии идоракунии хатарҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд. / А.Ш. Исоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ- 2023. – №1/ 4 (116). С. 202-205. ISSN 2663-5534

Scanned with CamScanner

[4-М] Исоев А.Ш. Хусусиятҳои хизматрасонии ташкилоти маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. / А.Ш. Исоев, Б.Б. Имомализода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ.2024. – №1/1 (119). С. 300-307. ISSN 2663-5534

[5-М] Исоев А.Ш. Усулҳои танзим ва идоракунии хатарҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд. / А.Ш. Исоев, Ф.К. Убайдуллоев // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии "Кишоварз".– 2024. – №4 (105). – С. 252-258. ISSN 2074-5435.

Дар дигар нашрияҳо:

[6-М] Исоев А.Ш. Раванди қарздиҳии ташкилотҳои маблағгузории хурд. / А.Ш.Исоев, Б.Б.Имомализода // Маводи конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Самтҳои стратегии рушди соҳибкории иноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ». – 25 ноябри 2022. – С. 334-342.

[7-М] Исоев А.Ш. Самтҳои асосии такмили танзими давлатии бозори маблағгузории хурд. / А.Ш. Исоев, Б.Б. Имомализода // Международный научно – практический журнал. Алматы, Казахстан. 25 июня 2023.– С. 424-433. ISSN 2709-1201.

[8-М] Исоев А.Ш. Бо усули суғуртакунонӣ идоракунии хатарҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд. / А.Ш. Исоев.// Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Роҳҳои такмилдиҳии механизмҳои идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи сайёҳии вилояти Хатлон». – Левакант- 2023. – С. 203-212.

[9-М] Исоев А.Ш. Таҳлили идоракунии хатарҳои қарзӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд./ А.Ш. Исоев // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Энергетика – соҳаи калидии рушди иқтисодиёти миллӣ». –22 декабри соли 2023. – С. 400-409.

[10-М] Исоев, А.Ш. Хеджирование как механизм управления инвестиционными рисками в микрофинансовых организациях и оценка его эффективности / А.Ш. Исоев // Актуальные вопросы науки и практики и перспективы их решений: Сборник научных трудов по материалам V Международной научно-практической конференции, Анапа, 05 апреля 2025 года. – Анапа: ООО "Научно-исследовательский центр экономических и социальных процессов" в Южном Федеральном округе, 2025. – С. 26-41. – EDN RYYMGR.

[11-М] Исоев А.Ш. Такмили усулҳои безараргардонии хатарҳои молиявӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд. / А.Ш. Исоев, Ф.К. Убайдуллоев // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши мақомоти гумрук дар таъмини амният ва рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Левакант- 2025. – С. 128-140.

[12-М] Исоев А.Ш. Ҷанбаҳои назариявии идоракунии хатарҳои иқтисодӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд. / А.Ш. Исоев, Ф.К. Убайдуллоев // Иқтисод ва сайёҳӣ: тамоюл ва дурнамо (Маҷаллаи байналмилалии илмӣ). Душанбе, 2025. №2 (6). – С. 424-433. ISSN 2709-1201.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:

Scanned with CamScanner

1. Тақриз аз ҷониби Хамидова С.Х. - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кори бонкии МДТ «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров», бо чунин эродҳо:

1. Дар бахши таҳлили хавфҳои асъорӣ ва бозорӣ, муаллиф ба таври кофӣ ба масъалаи истифодаи воситаҳои ҳосилшудаи молиявӣ дар шароити бозори дохилии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир накардааст.

2. Хавфҳои кибернетикӣ ва амнияти рақамӣ дар ТМХ бо дарназардошти рушди босуръати технологияҳои молиявӣ, метавонистанд ҳамчун банди алоҳида дар пешниҳодҳои кор бештар инъикос ёбанд.

2. Тақриз аз ҷониби Досиев М.Н. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

1. Хуб мешуд дар автореферат SWOT-таҳлили як ташкилоти маблағгузории хурдро нишон медод, ки вазъи он чӣ гуна мебошад, аммо муаллиф ба он аҳаммият надодааст.

2. Дар замони рушди иқтисоди рақамӣ муаллиф агар хавфҳои молиявии рақамиро хуб нишон медод, кори диссертатсия ва автореферат дигар мешуд.

3. Тақризи дигар аз ҷониби Сафарова М.Б. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия, фаъолияти бонкӣ ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии технологии Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

1. Масъалаи диверсификатсияи манбаъҳои маблағгузории ТМХ ва вобастагии онҳо аз маблағҳои қарзии хориҷӣ ё пасандозҳои аҳолӣ дар шароити хавфи ликвидӣ метавонист боз ҳам муфассалтар таҳлил шавад;

2. Таъсири тағйирёбии меъёри бозории фоизҳо ва сиёсати пулӣ-қарзӣ ба устувории молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд метавонист бо нишондиҳандаҳои мушаххаси эконометрикӣ асоснок карда шавад.

4. Тақриз аз ҷониби Ҳасанзода Ф.Ш. - номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент, мудири кафедраи идораи молияи Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

1. Дар қисмати назариявии таҳқиқот фикру мулоҳизаҳои муаллиф кам ба назар мерасад;

2. Бисёр бамаврид мебуд, диссертант таҷрибаи давлатҳои хориҷиро дар автореферат оид ба мавзуи таҳқиқот нишон медод ва пешниҳод мекард, ки таҷрибаи кадомаш ба кишвари мо мутобиқ аст.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои хавфҳои бонкӣ ва такмили механизми идораи он дар ташкилотҳои маблағгузории хурд, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар самти илми дахлдор

Scanned with CamScanner

шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

– ***коркард карда шуд:*** консепсияи назариявӣ ва амалии механизми танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд ва зарурати принсипиалии такмили ин механизм, раванди миқдорӣ ва сифатии арзёбии хавфҳо дар шароити номутаносибии бозори молиявӣ ҳамчун объекти таҳқиқ. Муаллифи рисолаи илмӣ дар сатҳи зарурӣ вобаста ба омӯзиши асарҳои илмии олимони дохилӣ ва хориҷӣ, ҳамчун дар такя бо таҷрибаи муваффақи хориҷӣ, як қатор хусусиятҳои хоси идоракунии хавфҳо (хавфи қарзӣ, пардохтпазирӣ ва амалиётӣ)-ро дар ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир муайян намуда, нуқтаи назари муаллифиро низ пешниҳод намудааст;

- ***пешниҳод шудааст:*** а) таърифи муаллифии хавф дар ташкилотҳои маблағгузории хурд: ««Хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд омилҳои эндогенӣ ва экзогенӣ мебошанд, ки бо табиати тағйирёбанда ва номуайяни худ фарқ карда, қодиранд ба ҳолати молиявӣ, самаранокии фаъолият ва нуфузу эътибори ташкилоти маблағгузории хурд пайомадҳои номатлуб расонанд»; ҷиҳати кам кардани хавфи барнагаштани қарзҳои ТМХ чунин корҳо анҷом дода шаванд: б) бароҳмонии назорат аз болои истифодаи мақсадноки қарз, тартиби пардохт ва таъминоти он, самаранокии кори ҳам мутахассиси алоҳида ва ҳам шуъбаи қарздиҳӣ; в) ба даст овардани маълумоти муфассал оид ба қарзгир, зомин, гаравдиҳанда; г) ташкили фонди захиравӣ; д) таҳлили хавфҳо, даромад ва хароҷот; е) ба нақшагирии бизнес ва ҳисоб кардани қобилияти пардохтпазирии ташкилотҳои маблағгузории хурд;

– ***исбот шудааст***, ки таҷрибаи танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд зимни буҳронҳои такроршавандаи ҷаҳонӣ зарурати дастгирии давлатиро ошкор намуд, зеро ин ташкилотҳо мустақилона қобилияти бартараф кардани оқибатҳои буҳронро надоранд. Дар ин росто, як қатор давлатҳои хориҷӣ барои рушд ва устувории фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд чораҳои самарабахшро таҳия ва амалӣ намуданд, ки татбиқи чунин таҷриба дар шароити кишвари мо низ муфид ва мақсаднок мебошад;

– ***имкониятҳои дар оянда истифода*** шудани ғояҳои нав дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳод шудааст. Муаллиф сиёсати Бонки миллиро оид ба талаботи қатъӣ нисбат ба фаъолияти ТМХ мусбат арзёбӣ намуда, пешниҳод намудааст, ки бо мақсади рушди минбаъдаи ташкилотҳои маблағгузории хурд системаи суғуртаи ҳатмии пасандозҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд тавассути бузургтарин ташкилотҳои молиявии тобеи он ҷорӣ карда шавад, ки ин ҳолат метавонад сади роҳи камшавии теъдоди ташкилотҳои маблағгузории хурдро гирад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:

- муқаррароти асосии диссертатсия бо мазмуну мундариҷаи консепсияҳои асосии иқтисодии идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷумла дар

Scanned with CamScanner

ташкилотҳои маблағгузории хурд мувофиқат мекунанд ва онҳоро бо муҳтавою тафсилоти фаъолияти ташкилотҳои мазкур дар бозори бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурратар мегардонанд ва бо ҳамин, вижагиҳои рушди ташкилотҳои хурди қарзию молиявӣ дар шароити кишварҳои рушдёбанда ба инобат гирифта шуданд. муҳтавои натиҷаҳои илмии бадастоварда дар ҳамбастагӣ бо маълумотҳои расмии Бонки миллии Тоҷикистон, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзими соҳаи маблағгузории хурд ва стандартҳои байналмилалии танзими пруденсиалӣ (созишномаҳои Базел), таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ, хулосабандии мутахассисони соҳа, маводҳои илмӣ, назариявӣ ва амалӣ доир ба роҳҳо ва усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд ба таври васеъ истифода шудаанд;

- ***исбот шудааст***, ки раванди татбиқи сиёсати идоракунӣ ва то ҳадди камтарин коҳишдиҳии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити дигаргунсозии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти натиҷаҳои таҳлили он хавфҳо тавассути усулҳои оморию риёзии ояндабинӣ, фишор-чанҷиш ва моделсозии эконометрикӣ самараи хуб дода метавонад.

Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта, самаранокӣ бо дарёфти натиҷаҳои дорои навгонии илмӣ ба даст оварда шудааст:

- ***баён гардидани*** механизм ва модели интегратсионии баҳодиҳии хавфҳои қарзию асъорӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд, ки ба суръати таваррум, тағйирёбии қурби асъор ва хусусиятҳои даромадҳои мавсимии мизоҷони хурд мутобиқ карда шудааст. Тавсияҳои илмӣ оид ба бартараф кардани номутаносибии истифодаи усулҳои фишорсанҷиш байни бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд таҳия шуда, усулҳои табақабандишудаи танзим вобаста ба ҳаҷм ва хавфнокии портфели ташкилотҳои маблағгузории хурд асоснок карда шудаанд;

- ***муайян гардидани самтҳои*** самтҳои асосии такмили идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд: ҷорӣ намудани платформаҳои рақамии машваратӣ ва автоматикунонидашуда дар раванди қарздиҳӣ; тақвияти механизми мушаххаскунии рақамии мизоҷон барои коҳиши хавфҳои амалиётӣ ва қаллобӣ; ҳамгироии ташкилотҳои маблағгузории хурд ба системаи ягонаи иттилоотии бонкӣ ва тавсеаи имкониятҳои Феҳристи таърихи қарзӣ; оптимизатсияи хароҷоти молиявӣ ва кӯтоҳ кардани вақти баррасии дархостҳои қарзӣ тавассути абзорҳои FinTech;

- ***омӯхта шудаанд:*** 1) таснифоти илман асосноки хавфҳои хоси фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд (аз ҷумла хавфҳои қарзӣ, амалиётӣ, бозорӣ ва стратегӣ), унсурҳои калидӣ, марҳилаҳо ва иштирокчиёни раванди идоракунии онҳо; 2) аз ҷониби муаллиф методологияи мукаммали арзёбии ҳамаҷонибаи хавфҳо коркард ва пешниҳод шудааст; 3) усулҳои мавҷудаи таҳлил ва арзёбии хавфҳо ба се гурӯҳи ҳамдигарро пурракунанда (сифатӣ, миқдорӣ, омехта) таҷзия карда шуданд; 4) усулҳои миқдории таҳлил шартан ба: усулҳои таҳлилӣ; усулҳои эҳтимолии назариявӣ; усулҳои ғайримуқаррарӣ; усулҳои эвристикӣ ва усулҳои таҳлили миқдории хавфҳо тасниф карда шуданд;

Scanned with CamScanner

- ***методикаи умумияти илмӣ*** нишон медиҳад, ки идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд бояд хусусият ва суръати афзоиши соҳавиро (сохтмон, нақлиёт, кишоварзӣ) ба назар гирифта, бо назардошти хусусияти гардиши пули мизоҷон танзим карда шавад. Асоснок карда шуд, ки табақабандии дақиқи маҳсулоти қарзии тиҷоратӣ аз барномаҳои иҷтимоӣ ва истисно намудани мизоҷони баландхавф шарти асосии пешгирии занҷираи оқибатҳои манфӣ ва таъмини устувории сандуқи қарзии ташкилотҳои маблағгузории хурд мебошад.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди фаъолияти ҶДММ ТАҚХ "Фуруз" (санади татбиқ аз 26.12.2024, №01), хулосаҳо ва тавсияҳои асосии рисолаи илмии Исоев А.Ш. дар ҷараёни идоракунии дороиҳо дар ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" (санади татбиқ аз 26.06.2024) татбиқ шудаанд. Ҳамчунин, интишороти муаллиф доир ба мавзуи таҳқиқот дар раванди таълиф ва интишорои китобҳои дарсӣ, курси лексия, васоити таълимӣ-методӣ ва монографияҳо дар Донишкадаи байналмилалии Леваканти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, зимни таҳияи курсҳои омӯзишӣ аз фанҳои «Фаъолияти бонкӣ», «Низоми бонкӣ», дар факултети иқтисодӣ ва молиявии Донишкадаи байналмилалии Левакант мавриди истифода қарор гирифтаанд (санади 16 апрели 2024 сол, № 31/1). Ҳамчунин, муҳтавои интишороти Исоев А.Ш. дар ҷараёни таҳияи маводҳои таълимӣ аз фанҳои фаъолияти бонкӣ, фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, низоми бонкӣ дар факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав истифода шудаанд (санади татбиқ аз 27.12.2024, №2/525).
- ***офарида шуд:*** консепсияи суғуртакунонии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд тавассути истифода аз афзорҳои муассир, ба монанди суғуртаи хавфи асъорӣ, таъминоти кадрӣ ва равобити зич бо ширкатҳои ватании суғурта, суғуртакунонӣ аз эҳтимолияти хавфҳои киберӣ, суғуртаи кортҳои хизматрасонӣ ҳамчун механизми идоракунӣ ва имкониятҳои кам намудани хавф дар онҳо. Суғуртаи хавфҳо, худсуғуртакунӣ ва захираҳо барои ҷуброни хавф, диверсификатсия, тақсимоти хавф, истифода аз усули ҳеҷиронӣ, таъсиси фондҳои махсусгардонидашуда барои идоракунии хавфҳо ба сифати тавсияҳои илман асоснок пешниҳод гардиданд;
- ***муаррифӣ карда шуд:*** нишондиҳандаҳои фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд, динамикаи онҳо, хавфи муфлисшавии ташкилотҳои маблағгузории хурд, шумораи қарзгирон, ҳаҷми бақияи қарзҳои хурд, тақсимоти онҳо вобаста ба бахшҳои иқтисодиёт ва шаклҳои моликият, сохтори сандуқи қарзӣ ва инчунин вазъи кунунии низоми муқовимат бо хавфҳо;
- ***пешниҳод шудааст:*** тавсияҳои амалӣ ҷиҳати коҳиш додани хавфҳои асъорӣ ва истифодаи ҳосилаҳои (деривативҳои) воситаҳои молиявӣ барои идоракунии экспозитсияи асъор дар ташкилотҳои маблағгузории хурд, самаранокии ҳеҷиронӣ ва мувофиқи мақсад будани истифодаи усулҳои метчинг зимни арзёбии хавфҳо ва неттинг, яъне соддакунонии амалиёти молиявӣ.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳад, ки:

Scanned with CamScanner

- ***назарияи илман*** асоснокшудаи идоракунии мутобиқшудаи хавфҳо ва устувории молиявӣ дар шароити равандҳои ҷаҳонишавӣ ва бухронҳои такроршаванда пешниҳод шудааст. Назарияи мазкур бар он асос ёфтааст, ки фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд бидуни дастгирии давлатӣ ва бидуни истифодаи механизмҳои маҷмуии муосир (аз қабили суғуртакунонӣ, ҳеҷиронӣ, автоматикунонии равандҳо, арзёбии дақиқи гардиши пулии мизоҷон ва фишорсанҷиши сенариявӣ) наметавонад оқибатҳои таконҳои макроиқтисодӣ ва хавфҳои бисёрҷанбаи дохилию беруниро мустақилона бартараф созад;

- ***гояи меҳварии таҳқиқот*** ба консепсияи ҳамгирошудаи сегонаи интиқоли хавфҳо ва безараргардонии омехта асос ёфтааст. Меҳвари асосии таҳқиқот дар он зоҳир меёбад, ки бо мақсади ҳалли тазоди байни афзоиши фарогирии молиявӣ (дастрасии аҳолӣ ба қарз) ва талаботи қатъии пруденсиалии Бонки миллӣ оид ба коҳиши хавфҳо, бояд низоми идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд аз усулҳои анъанавӣ ба модели маҷмуӣ гузаронда шавад. Ин модел интиқоли хавфҳо тавассути суғурта, истифодаи афзорҳои муосири молиявӣ (метчинг, неттинг, деривативҳо барои ТМХ-ҳои калон) ва татбиқи муносибати мутаҳидшудаи пешгирии хавфҳои бозорию маъмуриро таъмин менамояд;

- ***равиши комплексии синергетикӣ ва оморикунонидашуда*** пешниҳод шудааст, ки таҳлили мувозии омилҳои эндогенӣ (мушкилоти кадрӣ, сатҳи рақамисозӣ, хусусияти гардиши пули мизоҷон) ва экзогенӣ (таконҳои макроиқтисодӣ, вобастагӣ аз интиқолҳои пулӣ ва тағйирёбии мавсимии даромад)-ро дар бар мегирад. Методология бо истифода аз усулҳои абстраксияи мантиқӣ, таҳлили математикию оморӣ (регрессия ва коррелятсия), хулосабарориҳои дедуктиву индуктивӣ ва амсиласозии сенариявӣ таҳқими усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳоро дар амалияи ТМХ асоснок мекунад;

- ***усулҳои таҳлили*** математикию оморӣ, усулҳои абстраксияи мантиқӣ, хулосабарориҳои дедуктивӣ, қиёс, амсиласозӣ, регрессия ва коррелятсия самаранок истифода шуданд;

- ***муайян карда шуд,*** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи «Антиплагиат» сароҳатан сатҳи онро 87,69% ва 91,01% нишон додааст.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот: 1) Муаллиф бо таҳлили дидгоҳҳои гуногуни илмӣ таърифи такмилёфтаи мафҳуми хавфҳоро дар ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳод кардааст, ки хусусияти омилҳои эндогенӣ ва экзогении онҳоро инъикос мекунад. Инчунин, гурӯҳбандӣ ва таҳлили муфассали хавфҳои қарзӣ, амалиётӣ, стратегӣ ва бозорӣ аз мавқеи муаллифӣ асоснок карда шудаанд. 2) Довталаб бо истифода аз маълумоти омории расмӣ динамикаи рушди ташкилотҳои маблағгузории хурд, ҳаҷми бақияи қарзҳои хурд, тақсимоти соҳавии онҳо (дар сохтмон, нақлиёт, кишоварзӣ ва саноат) ва сохтори сандуқи қарзиро ҳамаҷониба таҳлил намуда, сабабҳои бадшавии сандуқи қарзӣ ва хавфи муфлисшавии муассисаҳои мазкурро муайян кардааст. 3) Муаллиф имконият ва самаранокии истифодаи воситаҳои ҳосилаи молиявӣ, усулҳои метчинг

Scanned with CamScanner

ва неттингро барои коҳиш додани экспозитсия ва хавфҳои асъорӣ дар ТМХ пешниҳод намудааст. 4) Унвончӯ механизмҳои суғуртакунонии хавфҳо (аз ҷумла суғуртаи асъорӣ, кибернетикӣ ва кортҳои хизматрасонӣ)-ро ҳамчун роҳи кам кардани хавфҳои фаъолият тавсия кардааст. 5) дар омода намудани 12 мақола, аз он ҷумла 5-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Исоев Аслиддин Шамсудинович дар мавзуи «Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии мукаммалгардонии низоми идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 10.1.; 10.12.; 10.13.; 10.16.; 10.18.-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 19.10.2026 қарори сазовор донистани Исоев Аслиддин Шамсудинович бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда - 5 нафар. Бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 15 нафар. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки дар ҷаласа иштирок доштанд, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» – 15 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор **Фақеров Ҳ.Н.**

И.в. котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Сафаров Б.Г.**

19 октябри соли 2026.

Scanned with CamScanner